1199 - Оё вуҷуд доштани холкӯбӣ (татуировка, нақше, ки дар бадан бо сӯзанзанӣ ва нилпошӣ кашида мешавад) дар бадан барои адои ҳаҷ монеа эҷод мекунад?

савол

Ҳукми холкӯбӣ бар бадан чист ва оё доштани холкӯбӣ метавонад барои шахси холкӯбишуда ҳангоми адои фаризаи ҳаҷ монеа эҷод кунад?

Ҷавоби муфассал

Холкӯбӣ бар бадан ҳаром мебошад, зеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ занеро, ки мӯй мепайвандад ва занеро, ки хоҳони пайванд кардани мӯй аст, инчунин занеро, ки холкӯбӣ мекунад ва занеро, ки дархости холкӯбӣ мекунад, лаънат кардааст.

Холкӯбӣ дар рухсора, лаб ва дигар узвҳои бадан анҷом дода мешавад ва ранги онҳоро ба кабуд, сабз ё сиёҳ тағйир медиҳад.

Бо ин ҳама, холкӯбӣ барои адои фаризаи ҳаҷ монеъ ба ҳисоб намеравад. *(Яъне шахси холкӯбишуда метавонад ҳаҷҷи худро ба ҷо оварад).*